***УДК 329***
***DOI10.24412/2411-1945-2022-3-137-142***

**_МАҚОМИ БИСЁРҲИЗБӢ ДАР НИЗОМИ СИЁСИИ ЗАМОНИ МУОСИР_**

***Саидова Малика Абдурасуловна,*** *муаллимаи калони кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**_РОЛЬ МНОГОПАРТИЙНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИСТЕМАХ_**

***Саидова Малика Абдурасуловна,*** *старший преподаватель кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

**_THE ROLE OF MULTIPARTY SYSTEM IN MODERN POLITICAL SYSTEMS_**

***Saidova Malika Abdurasulovna****, senior lecturer of Political Science Chair under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *saidova-malika@internet.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ҳизб, низоми бисёрҳизбӣ, ҳокимияти сиёсӣ, манфиатҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, барномаи ҳизбӣ, коалитсияи ҳизбӣ, афкори умум*

*Масъалаи бисёрҳизбӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зикр карда шудааст, ки низоми бисёрҳизбӣ дар кишварҳои дорои режими мухталиф дошта ба таври ба худ хос ба роҳ монда шуда, ташаккул ва рушди он яке аз аломатҳои муҳими самаранокии низоми сиёсии ҷомеа, омили муҳими мустаҳкамсозии хусусияти демократии давлат, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд мебошад. Муаллифон бар он назаранд, ки муносибати байни ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми ҳизбии кишвари алоҳида бо иштироки кулли ҳизбҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ шаклгирии раванди сиёсиро дигаргун сохта, имконияти таъсиррасонии шаҳрвандонро ба ҳокимият афзудаанд. Фаъолияти онҳо ба рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Муаллифон зуҳури ҳизбҳои сиёсиро ба ташаккули табақаҳои нави иҷтимоӣ, инчунин ниҳоди идоракунии намояндагӣ алоқаманд менамоянд. Маҳз ин омилҳо ба ташаккули аввалин ҳизбҳои сиёсии оммавӣ ҳамчун ниҳоди алоҳида мусоидат карданд. Ташаккули ҳизбҳои сиёсӣ ба раванди модернизатсия, ташаккули давлатҳои миллӣ, рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд дониста шудааст. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун намояндагии манфиату талаботи сиёсиву ҷамъиятии одамон дар асоси мафкуравӣ муттаҳид шуда, мақсади ба даст овардани ҳокимияти давлатиро барои ҳифзи манфиатҳо ва амалӣ намудани талаботи гурӯҳи муайян пеш мебаранд.*

***Ключевые слова:*** *партия, многопартийность, политическая власть, политические интересы, социальные группы, партийная программа, партийная коалиция, общественное мнение*

*Рассматривается вопрос многопартийности в современных условиях. Отмечено, что многопартийность в странах с различными режимами устанавливается по-своему, и ее формирование и развитие является одним из важных признаков эффективности политической системы общества, укрепления демократических институтов государства, обеспечения прав и свобод граждан. Высказано мнение, что отношения между политическими партиями устанавливаются внутри партийной системы конкретной страны с участием всех партий. Политические партии изменили формирование*

*политического процесса и увеличили возможности для влияния граждан на политическую власть. Их деятельность способствует развитию институтов гражданского общества. Появление политических партий связывается с формированием новых социальных классов, а также института представительного управления. Эти факторы способствовали формированию первых массовых политических партий как самостоятельного образования. Считается, что формирование политических партий связано с процессом модернизации, формированием национальных государств, развитием институтов гражданского общества. Политические партии как представители политических и социальных интересов и требований людей, объединяются на основе идеологии и преследуют целью завоевание государственной власти для защиты интересов и реализации требований определенной группы.*

***Key words:*** *party, multi-party system, political power, political interests, social groups, party program, party coalition, public opinion*

*The issue of multi-party system under modern conditions is considered. It is noted that the multi-party system in countries with different regimes will be established in its own way, and its formation and development are ones of the important signs of effectiveness of the political system of society strengthening democratic institutions of the state, ensuring rights and freedoms of citizens. The author believes that relations between political parties are established within the party system of a particular country with participation of all other parties. Political parties change a shaping of political processes and increase the opportunities for citizens to influence political power. Their activities contribute to the development of civil society institutions. The author associates an emergence of political parties with formation of new social classes, as well as with an institution of a representative government. These factors contributed to the formation of the first mass political parties as independent entities. It is believed that formation of political parties is associated with the processes of modernization, formation of national states, development of civil society institutions. Political parties, as representatives of political and social interests and demands of the people, unite on the basis of ideology and pursue the goal of acquiring state power in order to protect the interests and realize the demands of a certain group.*

Даҳсолаҳои охири асри XX ба таърихи ҷаҳонӣ ҳамчун марҳилаи тағйиротҳои бузурги сиёсӣ ворид гардидааст. Дар ин радиф омӯзиши масъалаҳои мухталифи сиёсӣ, ки бо гузариши тарҳҳои ниҳодии демократии сохтори сиёсӣ ва ташаккули низомҳои нави сиёсӣ дар ҷомеаҳои тағйирпазир алоқаманд мебошанд, муҳим ва саривақтӣ гардиданд. Дар як қатор ҳолатҳо ин раванд бо як сатҳи муайян амалӣ гардид, ки бо хусусиятҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои ниҳодии кишвари алоҳида алоқаманд буд. Дар кишварҳое, ки дигаргуниҳои ниҳодӣ бе назардошти хусусиятҳои фарҳангиву сиёсии маҳаллӣ амалӣ гардиданд, бо гузашти вақти муайян рад намудани ниҳодҳои нави сиёсӣ ё ивазнамоии онҳо бо амалияҳои ғайрирасмии сиёсӣ ба миён омаданд. [3,7].

Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим – масъалаи бисёрҳизбӣ ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳҳои мухталиф дар кишварҳои гуногун паҳн гардидааст. Пайдоиш ва паҳншавии ниҳоди бисёрҳизбӣ яке аз аломатҳои вежаи самаранокии низоми сиёсии ҷомеа, омили муҳими таҳкими хусусияти демократии давлат, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Бо иштироки ҳизбҳои сиёсӣ мақомоти намояндагӣ ва қонунгузории ҳокимияти давлатӣ – парламент ташаккул меёбад.

Рушди бисёрҳизбӣ ба ифодаи манфиат ва иродаи сиёсии интихобкунандагон ва шаклгирии сиёсии чаҳорчӯбаи интихоботӣ мусоидат менамояд. Ҳизбҳо қисми муҳими

низоми алоқаҳои ҷавобӣ байни мақомоти намояндагии ҳокимият ва аҳолии кишвар ба ҳисоб меравaнд. Бе мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ амалӣ намудани сиёсати аксарият ва ҳимояи мавқеи ақаллиятҳо ғайриимкон мегардад.

Низоми ҳизбӣ унсури муҳими низоми сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Низоми ҳизбӣ маҷмӯи муносибатҳои байни ҳизбҳои сиёсии расман амалкунанда мебошад, зеро низоми бисёрҳизбӣ танзими муносибати ҳизбҳои сиёсиро дар соҳаи ҳокимияти сиёсӣ талаб менамояд. Ин муносибатҳо дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

- рақобат дар мубориза барои таъсиррасонии сиёсӣ, барои ҳокимияти сиёсии давлатӣ;
- мухолифат ва бархӯрд;
- бетарафӣ, мӯътадил гардидани муносибатҳо;
- фаъолияти якҷоя дар амалинамоии ҳокимияти давлатӣ [2,331].

Муносибати байни ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи низоми ҳизбӣ, ки тамоми ҳизбҳои мавҷударо дар кишвар фаро мегирад, ба роҳ монда мешавад. Низоми ҳизбӣ ин принсипҳои асосӣ, қонуният ва қоидаҳои муносибатҳои тарафайн ва таъсирасонии байни ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвари алоҳида ба ҳисоб меравад. Низоми ҳизбӣ иттиҳодияи ҳизбҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки ба татбиқ ва нигоҳдории ҳокимияти сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Дар низоми ҳизбӣ мавқеи марказиро ҳамон ҳизбҳои сиёсӣ ишғол менамоянд, ки бевосита имконияти бадастории ҳокимияти сиёсиро дар алоҳидагӣ ё дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои сиёсӣ доранд. Сатҳи камолоти сиёсии гурӯҳҳои гуногун, муносибати онҳо, урфу одатҳои мавҷуда, восита ва роҳҳои ҳукмронӣ ва муборизаи қувваҳои сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва шуури сиёсӣ фаъолияти низоми ҳизбиро муайян мекунанд. Ҳангоми ошкор кардани хусусиятҳои фаъолияти низоми ҳизбӣ сохти сиёсии ҷамъият, миқдори қувваҳои сиёсӣ, ки дар мамлакат барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебаранд, ба назар гирифтан лозим аст.

Ҳизбҳои сиёсӣ ҷаҳони сиёсатро дигаргун намуда, имконияти нави таъсиррасонии шаҳрвандонро ба ҳокимият бунёд намудаанд. То пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи интихоботӣ бо анҷоми интихобот ба итмом мерасид, номзади интихобгардида ба хоҳиши интихобкунандагони худ тобеъ намегардид. Чунин номзади ғолиб танҳо намояндаи ҷомеа ба ҳисоб мерафт. Бо пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ намояндаи интихобгардида овозҳои худро ба ҳизб месупорад ва ба дастгирии он такя менамояд. Ба хотире, ки ҳизбҳо муташаккил буда, фаъолияти онҳо дар самти масъалаҳои сафарбарнамоии афкори умум, намояндагӣ ва ба амал ҷорӣ кардани манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ самаранок аст, дар ҷаҳон дар муборизаи сиёсӣ беҳтар аз ҳизб ниҳоде вуҷуд надорад.

Ҳизби сиёсӣ ташкилоти муайяни ҳамфикрон мебошад, ки манфиати шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳоро намояндагӣ намуда, иҷрои онҳоро тавассути ба даст овардани ҳокимияти давлатӣ ё иштирок дар татбиқи он мақсади асосии худ қарор додааст.

Дар муайян намудани моҳияти ҳизбҳои сиёсӣ теъдоди зиёди муносибатҳои илмӣ мавҷуданд: якум, қобили қабул шуморидани ҳизби сиёсӣ ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи одамон, ки доктринаи ягонаи идеологиро пайравӣ менамоянд; дуюм, ҳизби сиёсӣ ҳамчун ифодакунандаи манфиати синфҳои муайян; саввум, дарки ниҳодии ҳизби сиёсӣ ҳамчун ташкилот, ки дар низоми давлат амал менамояд [5,92].

Нақш ва аҳамияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаҳои, ки дар сатҳҳои мухталифи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, анъанаҳои мушаххаси таърихӣ ва миллӣ қарор доранд, ягона нест. Лекин, метавон як қатор вазифаҳои умумии ҳизбҳои сиёсиро ҷудо намуд. Вазифаи нисбатан муҳими ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқнамоӣ ва баррасии манфиатҳо ва талаботи мухталифи гурӯҳҳо ва инфиродҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Чунин манфиатҳои ҷамъбастгардида дар барномаҳо, талабот, шиорҳо ташаккул ёфта, то ба сохторҳои ҳокимият расонида мешаванд, ки дар доираи вазифаи намояндагӣ амалӣ карда мешавад. Ҳизбҳо дар коркард, истифода ва ҷорӣ намудани қоидаҳои ҳамкориҳои ниҳодҳои сиёсӣ

иштирок карда, вазифаи «ҳукуматӣ»-ро иҷро менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ ирода ва манфиати гурӯҳҳои иҷтимоиро пешниҳод ва ифода менамоянд ва онҳоро ба мақомоти ҳокимият мерасонанд ва бо ин васила вазифаи робитавиро иҷро менамоянд, яъне алоқамандии ҳокимият ва ҷомеаро таъмин мекунанд. Тариқи воситаҳои ахбори умум арзишҳо ва қолабҳои муайяни рафторро ташвиқ намуда, ҳизбҳои сиёсӣ вазифаи иҷтимоишавии сиёсӣ, яъне интиқоли таҷриба, анъана ва фарҳанги сиёсиро ба наслҳои минбаъда иҷро менамоянд. Номзадҳои беҳтаринро ба вазифаҳои роҳбарикунанда интихоб намуда, ҳизбҳои сиёсӣ ба беҳтаргардии сифатии таркибии элитаи сиёсӣ мусоидат менамоянд[7,148].

Дар шароити афзудани нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар равандҳои сиёсӣ нақш ва таъсири ҳизбҳои парламентӣ ба раванди ташаккули давлати демократӣ ва қабули қарорҳои сиёсӣ ба таври назаррас боло рафтааст. Ҳар як ҳизби сиёсӣ дар интихобот барои бадастории мақсадҳои худ, ки ба барномаи онҳо ворид карда шудаанд, мубориза мебарад. Пас аз интихобот, ҳизби ғолиб ҳукуматро ташаккул медиҳад ва кӯшиш мекунад, ки сиёсати худро дар асоси ваъдаҳои пешазинтихоботӣ коркард намояд[8,132].

Дар шароити тағйирпазирии низоми сиёсӣ дар фазои пасошӯравӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва пурихтилоф ҷустуҷӯи шаклҳои нави муносибатҳои тарафайн ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун иштироккунандагони калидии равандҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала махсусан дар шароити ташаккул ва инкишофи низоми ҳизбӣ, ки ҳанӯз ноустувор ва заиф аст, муҳим мегардад.

Пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ бо васеъ гардидани ҳуқуқи интихоботӣ ва муташаккил гардидани фаъолияти ҳаракатҳои коргарӣ алоқаманд аст. Маҳз ин омилҳо ба пайдоиши аввалин ҳизбҳои сиёсии оммавӣ ҳамчун ниҳоди алоҳидаи сиёсӣ мусоидат намудаанд. Метавон қайд намуд, ки пайдоиш ва таҳаввулоти ҳизбҳои сиёсӣ аз хусусиятҳои рушди иҷтимоӣ- сиёсӣ ва марҳилаҳои алоҳидаи чунин таҳаввулот бармеояд. Таҳлил нишон медиҳад, ки гуногунии нақшҳо ва ниҳодҳои сиёсӣ зери таъсири талаботи мавҷудаи низоми сиёсӣ амалӣ мегарданд. Ҳамин тариқ, ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳоди алоҳидаи низоми сиёсӣ танҳо бо пайдоиши талаботи функсионалӣ ба мавҷудияти онҳо ташаккул ёфтаанд.

Як қатор муаллифон пайдоиши таҳаввулотии ҳизбҳои сиёсиро бо раванди таҷдид (модернизатсия), ташаккули давлатҳои миллӣ, бо рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд менамоянд. Илова бар ин, метавон пайдоиши ҳизбҳои сиёсиро бо ташаккули синфҳои нави иҷтимоӣ, инчунин ниҳоди идоракунии намояндагӣ алоқаманд намуд [4, 74].

Бояд гуфт ки, муносибат ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ хусусияти манфӣ дошт. Масалан, Т.Гоббс чунин мешуморид, ки мавҷудияти ҳизбҳои сиёсӣ ба шӯриш ва исёнҳо оварда мерасонад. Ҷ.Вашингтон бошад, қайд намудааст, ки ҳизбҳо метавонанд воситаи ғасби ҳокимияти давлатӣ аз тарафи гурӯҳи алоҳида гардад, ки ба татбиқи принсипи соҳибистиқлолии халқӣ халал мерасонад [6, 87]. Лекин, ба ин нигоҳ накарда, як қатор муаллифон ногузир будани фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро қайд менамуданд. Масалан, Ҷ. Мэдисон хусусияти объективӣ ва ногузирии мавҷудият ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро зикр намудааст. Имкониятҳои оқибатҳои манфии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро ошкор намуда, Ҷ.Мэдисон пешниҳод намудааст, ки як қатор ниҳодҳо ва принсипҳои рафъкунандаи чунин ҷанбаҳои манфии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҷорӣ карда шаванд. А. Токвил низ хусусияти объективии мавҷудияти ҳизбҳои сиёсиро эътироф намуда, қайд кардааст, ки ҳизбҳои сиёсӣ унсури зарурии идоракунии демократӣ мебошанд, зеро плюрализми афкор ва манфиатҳоро таъмин менамоянд ва ба рафъи ғасби ҳокимият мусоидат менамоянд [8, 88].

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, ҳизбҳои сиёсӣ гурӯҳи ихтиёрии ҷамъиятӣ мебошанд, ки узвият дар онҳо ба таври ихтиёрӣ амалӣ мегардад. Чунин мешуморем, ки мавҷудияти масъалаҳои иҷтимоии ҳалношуда ва мавҷудияти идеологияи муайян ҳамчун омилҳои муттаҳидшавии одамон дар гурӯҳҳои алоҳида баромад менамоянд. Маҳз диди муаммоҳо, роҳҳо ва воситаҳои ҳалли

масъалаҳои мухталифи иҷтимоӣ муттаҳидии онҳоро дар фаъолияти сиёсӣ таъмин менамояд. Маҳз ҳизбҳои сиёсӣ дар таҳлилу баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо нақши муҳим доранд. Ҳамин тариқ, ҳокимияти сиёсиро зарур аст, ки чунин мавқеъ ва муносибатҳоро дар раванди таҳия, қабул ва амалинамоии қарорҳои сиёсӣ ба инобат гирад.

Фаъолияти шумораи зиёди ҳизбҳои сиёсӣ дар кишварҳои алоҳида нишон медиҳад, ки одамон манфиатҳои мухталиф дошта, воқеиятро ба таври гуногун қабул менамоянд ва роҳҳо ва воситаҳои ҳалли масъалаҳои мавҷударо ба таври худ мебинанд. Азбаски низоми яккаҳизбӣ ба фарогирии манфиати тамоми қишрҳои аҳолӣ кӯшиш менамояд, пас ин ба таври ногузир ба фишороварӣ ба одамон ва ҷомеа оварда мерасонад. [1,152]. Аз ин хотир, дар асоси биниши мухталифи масъала, дар асоси манфиатҳои мухталифи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсии гуногун ташаккул меёбанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ, дар асоси идеология ташаккул ёфта, манфиатҳои одамони муайянро ифода мекунанд ва амалӣ гардонидани ҳокимияти сиёсиро мақсади асосӣ қарор медиҳанд. Мавҷудияти миқдори зиёди ҳизбҳо дар кишвари алоҳида ба ҳизби алоҳида имконият намедиҳад, ки ҳокимияти сиёсиро соҳиб гардад. Аз ин хотир, ҳизбҳои сиёсие, ки аз рӯи барномаи фаъолият ба якдигар наздиканд, барои амалӣ намудани ҳокимияти сиёсӣ иттиҳодияи коалитсиониро бунёд менамоянд. Илова бар ин, ҳизбҳои нисбатан хурд ва камтаъсир кӯшиш менамоянд, ки бо ҳизбҳои пешбар созиш намоянд, то ки дар амалинамоӣ ва тақсими ваколатҳо ва захираҳои ҳокимият, инчунин, амалӣ намудани он иштирок намоянд [10, 46].

Дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур хулосаҳои зерин ба миён омаданд:

- дар асоси обрӯю эътибор ва нуфуз ва тасиррасонӣ ҳизбҳои сиёсӣ дар сатҳҳои мухталифи рушд қарор дошта, барои амалӣ намудани мақсади худ, барои ифода намудани манфиати гурӯҳи муайяни одамон, барои иштирок намудан дар амалинамоӣ ва тақсими ваколат ва захираҳои ҳокимият ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд муттаҳид шуда, дар якҷоягӣ мубориза баранд.
- ҳизбҳои сиёсӣ, ки дар доираи низоми ҳизбӣ амал карда, муносибати байни халқ ва давлатро таъмин мекунанд, мардум дар доираи фаъолияти аҳзоби сиёсӣ нуқтаи назари худро оид ба мушкилот, роҳу воситаҳои ҳалли онҳо баён мекунанд, ҳизбҳо бошанд, ҳамчун миёнарав ин маълумотро ба ниҳодҳои давлатӣ мерасонанд ва дар ин замина ба таҳияи қарорҳои гуногуни давлатӣ таъсири амиқ мерасонанд;
- ифодаи манфиату талаботи гурӯҳи муайян яке аз равандҳои мураккаби ҳаёти сиёсӣ буда, барои ифодаи манфиатҳо ҳамгироӣ ва ҳамбастагии ин гурӯҳро таъмин кардан зарур аст. Аз ин рӯ, ниҳоди ҳизбӣ ки манфиатҳои мазкурро ифода мекунад, бояд фаъолияти мақсаднок анҷом диҳад ва манфиатҳои мавҷударо дар шакли талабот ташаккул диҳад.
- ҳизбҳои сиёсӣ, ки манфиату талаботи гурӯҳи муайянро ифода мекунанд, тадриҷан онҳоро ба барномаи худ дохил менамоянд ва дар фаъолияти худ кӯшиш мекунанд, ки ба татбиқи талаботи барномавӣ ноил шаванд, то мақомоти давлатӣ ҳангоми қабули қарорҳои муҳим ин талаботро ба назар гиранд.
- ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун намояндагии манфиату талаботи сиёсиву ҷамъиятии одамон дар асоси мафкуравӣ муттаҳид шуда, мақсади ба даст овардани ҳокимияти давлатиро барои ҳифзи манфиатҳо ва амалӣ намудани талаботи гурӯҳи муайян пеш мебаранд ва дар ин замина афкори ҷамъиятиро дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ ташаккул медиҳанд.

### *ПАЙНАВИШТ:*

1. *Андреев С.С. Теория политической деятельности / С.С. Андреев. - Москва, 1995.- 212 с.*
2. *Барабанов М. В. Роль и место политических партий современной России в формировании государственной власти / М.В. Барабанов // Социально-гуманитарное знание. – 2006. – № 5. – С. 330–338.*

3. *Гельман В.Я. Институциональное строительство и неформальные институты в современной российской политике / В.Я. Гельман // Полис. - 2003. -№ 4. - С. 6-26.*
4. *Заславский С. Е., Коргунюк Ю. Г. Российская многопартийность: становление, функционирование, развитие / С.Е. Заславский. - Москва, 1996. - 385 с.*
5. *Политические партии. Политологический словарь-справочник / под ред. Г.В. Полуниной. - Москва, 1996. – 622 с.*
6. *Политический процесс: основные аспекты и способы анализа: сборник учебных материалов / Под. ред. Мелешкиной Е.Ю. — Москва: Издательский Дом ИНФРА-М, Издательство «Весь Мир», 2001. -375 с.*
7. *Растимешина Т. В., Епифанов А. С. Политические партии: основные подходы к определению понятия, природа и функции / Т. Растимешина, А. Епифанов // Экономические и социально-гуманитарные исследования. – 2017. – № 1. – С. 148–158.*
8. *Сафаров Л.Ш. Избирательная система в Таджикистане: проблемы и перспективы ёе совершенствования / Л.Ш. Сафаров // Таджикистан и современный мир. - 2012. - №1. (30) - С. 130 – 140.*
9. *Сартори Дж. Партии и партийные системы: Рамки анализа // Партии и выборы: Хрестоматия. Ч.1. - Москва,2004. - 472 с.*
10. *Усанов В. Многопартийность как необходимое условие парламентаризма и основа конституционного строя // Законодательство и экономика. - 2006. - № 7. –С. 45-56.*

**_Reference Literature:_**

1. ***Andreyev S.S**. The Theory of Political Activities ‖ S.S.Andreyev.-M., 1995.-212pp*
2. ***Bazanov M.V.** The Role and Place of Political Parties of today's Russia in State Power Formation ‖ M.V. Baranov ‖ Social-Humanitarian Knowledge. – 2006, №5.– pp. 330 – 338*
3. ***Gelman V.Ya.** Institutional Building and Informal Institutes in Contemporary Russian Politics ‖ V.Ya. Gelman ‖ Polis. – 2003,№4- pp. 6-26*
4. ***Zaslavsky. S.Ye., Korgunyuk Yu.Y.** Russian Multiparty system: Formation, Functioning, Development ‖ S,Ye.Zaslavsky.-M.,1996-385 pp.*
5. *Political Parties. Polilological Reference Dictionary‖ under the editorship of Y.V. Polunina .-M., 1966-622 pp.*
6. *Political Process: Major Aspects and Ways of Analysis. Collection of educational materials‖ Under the editorship Meleshkina Ye.Yu.-M.:<<INFRA-M>> Publishing-House, <<Entire World>>.2001.-375 pp.*
7. ***Rastimeshina T.V., Yepifanov A.S**. Political Parties: Principal Approaches to the definition of a Concept Nature and Functions ‖ **T.V.Rastimeshina, A.S. Yepifanov** ‖ Economic and Social –Humanitarian Explorations.-2017,№1.-pp. 148-158*
8. ***Safarov I.Sh**. Electoral System in Tajikistan : Problems and Perspectives of its Improvement ‖ I.Sh.Safarov ‖ <<Tajikistan and Contemprorary World>>.2012,№1(30).-pp,130-140*
9. ***Sartori Dj.** Parties and Party Systems: Frames of Analysis ‖ Parties and Elections : Chrestomathy.V.1 .-M.,2004-472 pp.*
10. ***Usanov V.** Multiparty System as a Necessary Condition of Parliamentarism and Foundation of Constitutional Frameworks ‖ Legislation and Economics. 2006, № 7.-pp. 45-56*